**ХУЛОСАИ**
**Шурои диссертатсионии 6D. КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос**

Парвандаи диссертатсионии № _____
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз
23 сентябри соли 2025, №94

Барои созовор донистани Ҳасанзода Шаҳноза Музафар, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос

Диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) дар таърихи 17 июни соли 2025, суратмаҷлиси № 84 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D. КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳасанзода Шаҳноза Музафар 01 августи соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Ҳасанзода Ш.М. соли 2008 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дохил шуда, соли 2012 зинаи бакалавр ва соли 2014 зинаи магистратураро бо ихтисоси “магистри илмҳои ҳуқуқ” бо дипломи аъло хатм намудааст.

Аз моҳи сентябри соли 2012 то соли 2014 дар вазифаи мутахассиси шуъбаи тарбияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон кор кардааст. Аз моҳи сентябри соли 2018 ассистенти кафедраи ҳуқуқи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон кор кардааст. Аз сентябри соли 2022 омӯзгори фанни “Ҳуқуқи инсон” дар МТМУ № 13 ноҳияи Рашт мебошад.

Ҳасанзода Шаҳноза Музафар солҳои 2020-2023 дар зинаи докторантура аз рӯйи ихтисоси (PhD)-и Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ

ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) таҳсил намуда, нақшаи таълимро аз рӯйи ихтисос ба таври пурра иҷро намудааст.

Диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» дар Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддиноваи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 27 ноябри соли 2020, протоколи № 10 ва 29 октябри соли 2024, протоколи № 10 тасдиқ шудааст.

Маълумотномаи академӣ (Транскрипт) № 36 аз 21 феврали соли 2024 дар бораи пурра аз худ кардани барномаи таълимии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддиноваи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2024, протоколи № 21 мҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Нематов Акмал Рауфҷонович –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини саркотиби илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Раҷабзода Равшан Муҳитдин –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1-и Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Сафарзода Некрӯз Файзӣ –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар**: Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳия Рашт Дар хулосаи мусбати муассисаи пешбар , ки аз ҷониби ташхисгар Бобохонов Ф.А. - дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат), аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Зокирзода З.Х. - дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ализода И.И. имзо ва аз ҷониби Ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҷабзода М.Н.

санаи 26 августи соли 2025 тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267, мутобиқ мебошад.

Диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар мустақилона таҳия шуда, мазмуни ягонаи мураттаб ва мантиқӣ дорад. Навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, таҳлили илмии қонунгузории дохилидавлатӣ ва санадҳои байналмилалӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, пешниҳоди маърӯзаҳои илмӣ дар семинарҳои илмӣ ва конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳасанзода Шаҳноза Музафар оид ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиядодаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд ва пурра мазмуни диссертатсияро инъикос мекунанд. Ҳамаи мақолаҳои таҳиянамудаи муаллиф оид ба муҳтавои диссертатсия навишта шуда, таҳлили онҳо қисми хулосавии диссертатсия сабт ёфтааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Ҳасанова Ш.М. Ҷанбаҳои назариявии ҳамкории ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилӣ [Матн] / Ш.М. Ҳасанова // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2021.– №1 (37). – С. 189-193. ISSN 2305-0535

[2-М]. Ҳасанова Ш.М. Источники внутригосударственного и международного права Республики Таджикистан [Текст] / Ш.М. Ҳасанова // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2022.– №3 (43). – С. 187-190. ISSN 2305-0535

[3-М]. Ҳасанова Ш.М. Таносуби консепсияҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ [Матн] / Ш.М. Ҳасанова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023.– №2. – С. 256-261.ISSN 2413-5151

[4-М]. Ҳасанова Ш.М. Системаҳои ба ҳам алоқаманди ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.М. Ҳасанова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023.– №3. – С. 251-256. ISSN 2413-5151

[5-М]. Нематов А.Р., Хасанова Ш.М. Взаимодействие внутригосударственного и международного права в Таджикистане в условиях глобализации и мировых вызовов [Матн] / А.Р. Нематов, Ш. М.

Хасанова // Юридическая наука и практика: Вестник Нижегородской академии МВД России. – Н. Новгород, 2024. – №3 (67). – С. 71-80. ISSN 2078-5356

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[6-М]. Ҳасанова Ш.М. Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои дохилидавлатӣ [Матн] / Ш.М. Ҳасанова // Самаранокии татбиқи ҳуқуқ ҳамчун омили таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ, ш. Душанбе, 14 июни соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 321-326.

Ба автореферати диссертатсия аз қониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

- **Идизода Файзалӣ Фузайлшо** – номзади илмҳои ҳуқушиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- **Рустамзода Муҳаммадалӣ Рустам** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, судяи Суди ҳарбии гарнизони Душанбе,
- **Холинова Мижгона** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тақризҳои пешниҳогардида мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидошта пешниҳод шудаанд. Асосан, эродҳо масъалаҳои муҳисавии диссертатсия, аз ҷумла шарҳ додани зарурати ворид намудани мақомоти Палатаи ҳисоб ва Кумитаи давлатӣ оид ба кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2017, № 870 ва ба мониторинги иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи созишномаҳои соҳавӣ пешниҳод гардидаанд.

Ҳамзамон муқарризон иброз медоранд, ки эродҳои мазкур хислати мубоҳисави дошта, дар умум мазмуни корро коста намегардонад.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбари диссертатсия бо дарназардошти банди 62 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-

таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси ба анҷом раснидани таҳқиқоти илмӣ:

- **пешниҳод карда шудааст**, нигоҳи нави илмӣ-назариявӣ ба равобити мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ;

- **муайян карда шудааст**, ҳолатҳои умумӣ ва хусусиятҳои хос дар сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ;

- **пешниҳод карда шудааст**, ки равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои омехта (яъне, ҳам монизм ва ҳам дуализм) бояд сохта шаванд;

- **исбот ва ошкор шудааст**, самтҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар муҳосибатҳои дохилии Тоҷикистон;

- **муайян карда шудаанд**, Робитаи ва таъсири мутақобилаи субъект, сарчашма ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба низом ҳуқуқи дохилидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **пешниҳод карда шудааст**, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ба ҳеҷ ваҷҳ набояд нақши ҳуқуқи байналмилалиро дар рушди низоми ҳуқуқии дохилидавлатӣ, инчунин дар ҳалли мушкилоти глобалии башарият нодида гирифт. Ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ ҳамеша нақши асосиро мебозад ва ба қонунгузории миллии он давлатҳое, ки худро аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ мешуморанд, ҳамеша таъсир мерасонад. Аммо дар шароити муосир, дар пасманзари муқовимати геополитикии байни давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ принсипҳо ва равишҳои нав ба шаклу механизмҳои равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилӣ зарур аст. Ин бояд ба принсипҳои ба назар гирифтани манфиатҳои миллӣ асос ёбад.

**Аҳаммияти назариявӣ таҳқиқот** бо он муайян мешавад, ки дар он таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи ҳамкории мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Тоҷикистон гузаронида шудааст, ки дар бораи механизмҳо ва самтҳои ҳамкории байни онҳо, татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасаввуроти томро медиҳад. Натиҷаҳои таҳқиқот уфуқҳои навро барои омӯзиши чунин падидаи ҳуқуқӣ, ба мисли консепсияҳои мавҷудаи ҳамкории ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ, субъекти онҳо, сарчашмаҳо ва принсипҳо, ва аз ҷиҳати амалӣ бошад, хулосаҳои диссертатсия метавонанд ба рушди минбаъдаи он мусоидат карда, фаъолияти татбиқи ҳуқуқи байналмилалиро дар ҳудуди Тоҷикистон дар шароити бунѐди давлати демократӣ, ҳуқуқбунѐд ва дунявӣ беҳтар кунанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз асоснок кардани пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ аз ҷониби муаллиф оид ба такмили ҳамкории ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ иборат мебошад. Муқаррарот ва хулосаҳои диссертатсияро: дар фаъолияти амалии мақомоти ҳокимияти давлатӣ (Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон), мақомоти судӣ, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди амалигардонии ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ аз ҷониби онҳо, ки метавонанд ба такмили шаклу методҳои фаъолияти онҳо мусоидат намоянд; дар раванди таълим ҳангоми омӯзиши назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи байналмилалӣ, курсҳои махсус ва дигар фанҳои соҳавии ҳуқуқи байналмилаӣ; дар кори илмӣ-таҳқиқотӣ зимни таҳияи масоили ҳамкории ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода гардидани усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, таҳлили ҳамаҷониба ва воқеъбинонаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофнамуда, таҳлили адабиёти умумӣ ва махсуси илмию таълимӣ, автореферат ва диссертатсияҳо, мақолаву дастовардҳои дигари дар сатҳи илмӣ пазируфташуда ва таҷрибаи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот асоснок мегардад.

**Барои корҳои таҷрибавӣ:** асоснок карда шудааст, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Номгуйи мақомоти марказӣ, ҳудудӣ ва дигар мақомоти ваколатдори амаликунандаи муносибатҳои бевосита мутобиқи конвенсияҳои байни давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил доир ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ, ки 22.01.1993 (ш. Минск) ва 07.10.2002 (ш. Кишинёв) ба имзо расидаанд ва бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2017, №870, Фармоиши Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2021, №1171 «Дар бораи Тартиби мониторинги таъмини иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳо ворид карда шавад.

-**ғоя асоснок карда шудааст**, ки дар пасманзари муқовимати геополитикии байни давлатҳои абарқудрати ҷаҳон принсипҳо ва равишҳои нав ба шаклу механизмҳои равобити ҳуқуқҳои байналмилалӣ ва

дохилидавлатӣ зарур аст. Ин бояд ба принсипҳои ба назар гирифтани манфиатҳои миллӣ асоснок шавад. Дар ин бора дар сатҳи ҳам доктриналӣ ва ҳам илмӣ-амалӣ ҳарфҳои зиёд гуфта мешаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон онро дар асноди барномавӣ, аз ҷумла дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 сабт кардааст;

- **муайян шуданд, ки** барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар раванди таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз чанд мавқеъ наздик шуд. Аввалан, дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бояд аз тамоми шаклҳои мавҷуда истифода баранд. Дувум, ҳангоми ҳамроҳшавӣ ба санадҳои байналмилалӣ бояд аз мавқеи риояи меъёрҳои он аз ҷониби ҳамаи субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ баромад кард. Сеюм, пешниҳод мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми татбиқи ташаббусҳои байналмилалӣ бо созмонҳои байналмилалии минтақавӣ ҳамкории зич дошта бошад.
- **пешниҳод мешавад, ки** бо мақсади дар амал татбиқ намудани ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон истинод ҳамчун шакли имплементатсияи ҳуқуқи байналмилалӣ васеъ истифода карда шавад. Ҳамзамон, дар рафти бастани шартномаҳои байналмилалӣ тавзеҳот ҳамчун механизми ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ низ истифода карда шавад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси омӯзиши доираи васеи маводи илмӣ ва эмпирикӣ, бо таҳлили назарияҳо ва муносибатҳои мавҷуда ба равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳои мушаххасро оид ба таҳияи механизму воситаҳо ва қоидаҳои равобити онҳо ва қоидаҳои ҷорӣ намудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мамлакат ироа кардааст. Диссертант дар ҷамъоварии бевоситаи маводи бойгонӣ шахсан иштирок карда, заминаи қонунгузориро амиқ омӯхта, натиҷаҳои таҳқиқотро дар интишорот ва гузоришҳои худ дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ мавриди таъйиду тасдиқ қарор додааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз 23-юми сентябри соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти № 16/шд тасдиқ гардидааст, 14 нафар иштиро доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар

ҷаласа иштирокдошта, 14 нафар овоз доданд: ба тарафдории додани дараыаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.

23 сентябри соли 2025